## ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-017-И НАЗДИ ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 08.00.06.01 – АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №______**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30-юми декабри соли 2025, №6**

Барои сазовор донистани Собирзода Шодмон Сулаймонжон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), санаи 16-уми сентябри соли 2025, суратмаҷлиси №1.4 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Айнӣ, 44), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, №17/ш.д. таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Собирзода Шодмон Сулаймонжон соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи омӯзгор таввалуд шудааст. Соли 1997 ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 15-и шаҳри Бохтар ба санфи якум рафта, онро соли 2008 бо баҳои хубу аъло бо итмом расонидааст. Худи ҳамон сол ба факултети иқтисодӣ, ихтисоси фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 2012 бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2012 шуъбаи магистратураи донишгоҳи зикршударо аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намуда, соли 2014 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав хуҷҷат супорида, онро соли 2017 ба анҷом расонидааст.

Фаъолияти омӯзгориашро аз соли 2014 оғоз намуда, ҳамчун омӯзгор дар кафедраҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, назарияи иқтисодӣ, менеҷмент, андоз ва андозбандӣ, таҳлили иқтисодӣ ва аудит кору фаъолият намуда, дар вазифаҳои гуногун кор кардааст, аз ҷумла:

- аз соли 2019 то соли 2020 дар вазифаи муовини декан оид ба илм дар факултети менеҷмент;
- аз соли 2020 то соли 2021 мудири кафедраи андоз ва андозбандии факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ;
- аз моҳи сентябр то октябри соли 2021 ба ҳайси мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети молиявию иқтисодӣ;
- аз моҳи октябри соли 2021 то соли 2024 декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ;
- аз моҳи марти соли 2024 мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит дар факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ;
- аз моҳи сентябри соли 2024 - 2025 бо фармоиши ректори донишгоҳ ҳамчун ходими калони илмии Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намудааст.

Айни замон, аз моҳи сентябри соли 2025 дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

Соли 2020 дар Шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон рисолаи номзадиашро зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардидааст.

Соли 2024 бо қарори Комиссияи олии атестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби унвони дотсент аз рӯйи соҳаи иқтисодиёт гардидааст.

Ҳоло ба ҳайси дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав аз 29-уми декабри соли 2020 (протоколи №5) тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** Мирсаидов Аврор Бобоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва деморафияи АМИТ.

**Муқарризони расмӣ** Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

Самандарзода Искандар Ҳусейн – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

Содиқов Метархон Соқибекович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин гардидаанд.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муайян гардидааст.

Тақризи ин муассиса 15-уми ноябри соли 2025, протоколи №4 аз ҷониби профессор, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳ.Р. Раҳимзода навишта шуда, аз тарафи раиси ҷаласа номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Н.У. Сафарзода имзо шудааст. Тақриз санаи 18-уми ноябри соли 2025 аз тарафи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин тасдиқ карда шудааст.

Дар тақризи додашудаи муассисаи пешбар қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсия бо меъёрҳои муқарраршуда оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон кори илмии мустақилона анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дорои навгонии илмӣ, тавсияҳои методологӣ ва амалӣ оид ба таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия) мебошад.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи доктории Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» ба талаботи бандҳои 32-37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйироту илова аз 26.06.с.2023, №295)), мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01. – Амнияти иқтисодӣ мебошад.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 30 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 16,3 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**

**А) Монография ва брошюраҳо:**

[1-М]. Бақоев Ш.С. Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ: дар мисоли вилояти Хатлон [Матн]: монография / Бақоев Ш.С. – Бохтар, 2021. – 173 с.

[2-М]. Бақоев Ш.С. Муносибатҳои мукотибавии байнибонкӣ [Матн]: васоити тълимӣ / С.Ч. Махшулов, Б.Б. Хоҷаев, Ш.М. Саидмуродов, Ш.С Бақоев И.М. Шодиев. – Душанбе, 2017. – 181 с.

[3-М]. Бақоев Ш.С. Бозори қарз ва асъор [Матн]: васоити таълимӣ / Ш.М. Саидмуродов, С.Ч. Махшулов, Б.Б. Хоҷаев, Ш.С. Бақоев, И. Аҳадов, И.М. Шодиев, Г. Латипова. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 319 с.

[4-М]. Бақоев Ш.С. Инноватсия дар бонкҳо [Матн]: васоити таълимӣ / С.Ч. Махшулов, Б.Б. Хоҷаев, Ш.М. Саидмуродов, И.М. Шодиев, Ш.С Бақоев. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 294 с.

[5-М]. Бақоев Ш.С. Андоз ва андозбандӣ [Матн]: дастури таълимӣ-методӣ / Ш.С. Бақоев, Қ. Фарҳод, Б.С. Шодиев, Т.А. Холов. – Бохтар, 2023. – 192 с.

[6-М]. Бақоев Ш.С. Ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт [Матн]: дастури таълимӣ-методӣ / Р.Ҷ. Аминов, Ш.С. Бақоев, З.Б. Давлатов, Б.Б. Эмомализода. – Бохтар, 2023. – 314 с.

[7-М]. Бақоев Ш.С. Назорат ва барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт [Матн]: дастури таълимӣ-методӣ / Р.Ҷ. Аминов, Ш.С. Бақоев, З.Б. Давлатов, Б.Б. Эмомализода. – Бохтар, 2023. - 315 с.

[8-М]. Бақоев Ш.С. Асосҳои аудит [Матн]: дастури таълимӣ-методӣ / Ш.С. Бақоев. – Бохтар, 2023. – 139 с.

## Б) Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[9-М]. Бақоев Ш.С. Тарақиёти саноати вилояти Хатлон: проблема ва мулоҳизаҳо [Матн] / Ш.С. Бақоев, Н.Т. Садриддинов., Д.О. Муҳаммадҷонзода, Б.Қ. Наимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), Қурғонтеппа, – 2016, №1/4 (41). – С. 102–106 – ISSN 2663–5534.

[10-М]. Бақоев Ш.С. Асосҳои назарияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити имрӯза [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – Қурғонтеппа, 2017. – №1/4 (49). – С. 336–340. – ISSN 2663–5534.

[11-М]. Бақоев Ш.С. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –Қурғонтеппа 2018.– №1/2(53). – 192–197. – ISSN 2663–5534.

[12-М]. Бақоев Ш.С. Современное состояние и развитие инвестиционных проектов в Хатлонской области [Текст] / Ш.С Бакоев // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных и экономических наук. – Душанбе, 2018. №2. – С. 157–161. – ISSN 2413–5151.

[13-М]. Бақоев Ш.С. Сарчашмаҳои асосии таҳия, татбиқ ва рушди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. №1. – С. 72–76. – ISSN 2413–5151.

[14-М]. Бақоев Ш.С. Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ (ҷанбаҳои назариявӣ). [Матн] / Ш.С. Бақоев, Ш.Н. Саидмуродов // Маҷалаи назариявӣ ва илмӣ-истеҳсолӣ. Кишоварз, 2019. – №2 (82). – С. 211–215. – ISSN 2074–5435.

[15-М]. Бақоев Ш.С. Принсипҳо ва методҳои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ. [Матн] / Ш.С. Бақоев, Ш.М. Баротзода, П. С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. –Бохтар, 2020. – №1/1(71). – С. 173–177. – ISSN 2663–5534.

[16-М]. Бақоев Ш.С. Роҳҳои афзалиятноки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ [Матн] / А. Муҳаммадӣ, Ш.С. Бақоев // Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020 №1/3 (77). – С. 170–173. – ISSN 2663–5534.

[17-М]. Бақоев Ш.С. Механизмҳои паст кардани хавфу хатарҳо ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар 2022 №1/4 (104). – С 165–208. – ISSN 2663–5534.

[18-М]. Бақоев Ш.С. Механизми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришаванда [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – № 1. – 1–3 (113). - Бохтар, 2023. С 162–171. – ISSN 2663–5534.

[19-М]. Бақоев Ш.С. Самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2023. – № 1 – 3 (113). – С. 184–188. – ISSN 2663–5534.

[20-М]. Бақоев Ш.С. Теоретические основы региональных инвестиционных проектов и их принципов [Текст] / Ш.С. Бакоев // Вестник ТНУ. Серия социально–экономических и общественных наук. –Душанбе, 2023. – № 6 – С 195–202. – ISSN 2413–5151.

[21-М]. Бақоев Ш.С. Таъминоти институтсионалии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар 2024 № 1–3 (125). – С. 464–469. – ISSN 2663–5534.

[22-М]. Собирзода Ш.С. Совершенствование структуры, функций и институционального обеспечения управления инвестиционной деятельностью в апк [Текст] / Мирсаидов А.Б., Собирзода Ш.С // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. -Душанбе, 2024 №9. – С 190 – 201 ISSN 2413–5151.

[23-М]. Собирзода Ш.С. Муносибати институтсионалӣ доир ба таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ [Матн] / Собирзода Ш.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, – Душанбе, 2024 № 4/1 (54). – С. 275–283. – ISSN 2308–054X.

[24-М]. Собирзода Ш.С. Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ [Матн] / Собирзода Ш.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,. – Душанбе, 2025 № 1 (56). – С. 386–391. – ISSN 2308–054X.

[25-М]. Собирзода Ш.С. Механизмҳои институтсионалии (ташкилӣ ва иқтисодии) идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ [Матн] / Собирзода Ш.С. // Паёми Молия ва иқтисод, – Душанбе, 2025 № 1 (44). – С. 505 – 511. – ISSN 2663–0389.

[26-М]. Собирзода Ш.С. Механизмҳои институтсионалии (ташкилӣ ва иқтисодии) идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ [Матн] / Собирзода Ш.С. // Паёми Молия ва иқтисод, – Душанбе, 2025 № 1 (44). – С. 505 – 511. – ISSN 2663–0389.

[27-М]. Собирзода Ш.С. Марҳалаҳои асосӣ ва натиҷаҳои лоиҳаҳои инноватсионӣ ва манбаъҳои маблағгузориҳои онҳо [Матн] / Собирзода Ш.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. -Бохтар 2025 № 1–1 (131). – С. 412–416 – ISSN 2663–5534.

[28-М]. Собирзода Ш.С. Концептуальные основы современного этапа реформирования агропромышленной системы и его инвестиционного сектора / А.Б. Мирсаидов, Ш.С. Собирзода // Экономика Таджикистана. – 2025 №2. - С. 251 – 268.

**В.) Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

[29-М]. Бақоев Ш.С. Ҷанбаҳои назариявии хавфу хатарҳо [Матн] / Ш.С. Бақоев // Ваҳдати миллӣ ва рушди иқтисод. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ваҳдати миллӣ ва рушди босуботи иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 21-умин солгарди рӯзи Ваҳдати миллӣ. Қисми 2 // Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТ Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2018. - С. 120-123.

[30-М]. Бақоев Ш.С. Ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди соҳаи саноатӣ [Матн] / Ш.С. Бақоев // Конфренсияи вилоятии илмӣ-назариявӣ бахшида ба рӯзи андозчиён дар мавзуи «Андоз – сарчашмаи асосии ғанигардонии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».ДДБ ба номи Носири Хусрав санаи 4-майи соли 2021. Вилояти Хатлон Бохтар-2021 – С. 78-82.

[31-М]. Бақоев Ш.С. Андозбандии ташкилотҳо ҳамчун омили пешрафтаи иқтисодиёти кишвар [Матн] / Ш.С. Бақоев // Конференсияи вилоятии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми мақомоти гумрук дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти ҶТ» бахшида ба рӯзи гумрукчиён. 22 январи соли 2021, вилояти Хатлон ҶТ. -Бохтар 2021. – С. 128-134.

[32-М]. Бақоев Ш.С. Нақши андозбандии итеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Конфренсияи вилоятии илмӣ-назариявӣ бахшида ба рӯзи андозчиён дар мавзуи «Андоз-сарчашмаи асосии ғанигардонии буҷети давлатии» Ҷумҳурии Тоҷикистон. ДДБ ба номи Носири Хусрав санаи 4-май соли 2021, вилояти Хатлон Бохтар-2021. – С. 213-217.

[33-М]. Бақоев Ш.С. Тенденции исползования природных ресурсов региона при развитии инвеститсионых проектов [Матн] / Ш.С. Бақоев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Роҳҳои

такмилдиҳии механизмҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи сайёҳии вилояти Хатлон». -Левакант 2023. – С. 41-45.

[34-М]. Бақоев Ш.С. Хусусиятҳои фаъолияти инвеститсионӣ дар кишоварзии обёришаванда [Матн] / Ш.С. Бақоев // Международный исследователыский центр «Endiess Ligh in Science» Республика Казахстан, 010000, г.Алматы, улица Сатпаева 16 а Исх.№ 469 От:26.06.2023. – С. 154-161.

[35-М]. Бақоев Ш.С. Самаранокии тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Бақоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 26-27 апрели соли 2024, ш. Бохтар. – С. 346-350.

[36-М]. Бақоев Ш.С. Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузори дар давлатҳои хориҷи [Матн] / Ш.С. Бақоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 26-27 апрели соли 2024, ш. Бохтар. – С. 356-360.

[37-М]. Собирзода Ш.С. Амали намудани таҳия ва коркарди лоиҳаҳои сармоягузори дар минтақа [Матн] / Ш.С. Собирзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзъӯи «Нақши мақомоти гумрук дар таъмини амният ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» 2025. – С. 111-116.

[38-М]. Собирзода Ш.С. Тадқиқоти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ [Матн] / Ш.С. Собирзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши мақомоти гумрук дар таъмини амният ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон». -2025. – С. 117-122.

**Ба диссертатсия ва автореферат такризҳо ворид шудаанд:**

*1. Пиризода Ҷалил Сафар* - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Академик, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Дар ин самт маводҳо хеле зиёданд, зеро аз тарафи давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ як чанд қарору фармонҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидааст ва агар диссертант дар корашон аз онҳо бисёртар истифода мебурд, беҳтар буд.

*2. Хайрзода Шукрулло Қурбонали* - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара чунин эрод пешниҳод шудааст:

-Дар расми 5, саҳифаи 48-и афтореферати диссертатсия сохтори институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ оварда шудааст. Агар сохтори мазкур дар автореферат ба таври муфассал шарҳ дода мешуд, беҳтар мебуд.

3. *Асрорзода Убайдулло Саттор* - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ доранд, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушаххас тасдиқ карда мешуданд.

*4. Ризозода Тура Раббим* - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Дар баррасии вазъи таъминоти инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ ба таври пурра таҳлили худро наёфтааст. Дар баробари ин, эроди ишорагардида бартарии рисолаи илмии анҷомдодашударо коҳиш надода, диссертатсия аз ҷиҳати мазмун ва мутобиқи талаботҳои мавҷудбуда мебошад.

*5. Назири Гулбаҳор Назир* - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушаххас тасдиқ карда мешуданд.

- Ба манфиати кор мешуд, агар муаллиф дар кори диссертатсионӣ ба таҳлили аҳамияти амалии тавсияҳои пешниҳодшуда ва таъсири эҳтимолии онҳо ба равандҳои воқеии рушди инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ аҳаммияти махсус зоҳир менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссия ташхисии Шурои диссертатсионӣ бо назардошти мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои таъмини институсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсии онҳо барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор ҳамчун муассисаи шинохташуда ба ҳисоб рафта, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **асоснок карда шудааст**: Дар асоси арзёбии равандҳои сармоягузорӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дар системаи агросаноатии мамлакат аз нуқтаи назари муносибати институтсионалӣ тавзеъ ёфта, зарурати

ташаккули механизми муассири дастгирии сармоягузорӣ дар бахши аграрӣ, ки трансформатсияи васеи сохтори институтсионалӣ, усулҳои хоҷагидорӣ, инчунин танзимгарони иқтисодию ҳуқуқӣ, технологӣ ва иттилоотиро дар бар мегирад, асоснок карда шудааст.

- **пешниҳод карда шуд:** муқаррароти мушаххасе, ки мазмуни категорияи «инфраструктураи институтсионалии фаъолияти сармоягузорӣ»-ро равшан менамояд, пешниҳод шудаанд. Ин категория низоми ҳамбастагии институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ва инчунин механизмҳои ташаккул, фаъолияти рушд, ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории байни иштирокчиёни равандҳои сармоягузориро дар бар мегирад. Ин низом ба фаъолиятҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ таъсири танзимкунанда ва таҳрикдиҳанда дорад. Инфраструктураи фаъолияти сармоягузорӣ дар ин замина маҷмуи унсурҳои махсусгардонидашудаи хизматрасон (созмонӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ) мебошад, ки ба ҳаллу фасли муассири масъалаҳои пешомада дар раванди амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи аграрӣ равона шудааст.

- **муайян карда шуд**, ки мафҳуми «лоиҳаи сармоягузории комплексӣ» дар гардиши илмӣ ҷорӣ карда шуда, дар системаи инфрасохтори сармоягузорӣ имкон медиҳад бо истифода аз маблағҳои Фонди сармоягузорӣ барои татбиқи якчанд лоиҳаҳо метавонанд сармоягузории истеҳсоливу тиҷоратии гуногунро дар комплеси агросноатӣ ва иқтисоди деҳот мусоидат намуда, инчунин мушкилоти ба ҳам алоқамандро ҳал кунанд,

- **асосок карда шудааст**, ки вобаста ба шароити тағйирёбандаи беруна зарурати такмили стандартҳои таҳияшуда, қоидаҳои муайяни таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки барои пешгирӣ кардани вайронкунии муҳлати корҳо, сметаҳои хароҷот, нақшаҳо ва шартномаҳо, нишондиҳандаҳои самаранокӣ (NPV, IRR, PI), хатарҳо ва ғайра, ки нақши институтҳои идоракунии фаъолияти сармоягузориро ба иҷро мерасонанду барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти сармоягузорӣ хизмат мекунад;

- **муайян карда шуд**, омилҳо ва шароити институтсионалӣ, ки ба ташаккули зуҳуроти буҳронӣ дар фаъолияти сармоягузории комплекси агросаноатӣ мусоидат мекунанд, инчунин монеаҳо ва маҳдудиятҳои асосии институтсионалие, ки ҷалби сармояҳоро ба иқтисоди минтақаҳои деҳот мушкил мегардонанд, муайян ва систематизатсия шудаанд: ноустувории ҳуқуқӣ, ҳимояи нокифояи ҳуқуқи сармоягузорон, норасоии механизмҳои ҳамкории давлатӣ ва хусусӣ ва дастгирии институтсионалии заифи сатҳи маҳаллӣ ҷиҳати таъкид мебошанд;

- **муайян гардидааст**, ки байни намудҳои субъектҳои институтсионалии фаъолияти хоҷагидорӣ (масалан, хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооперативҳо, агрохолдингҳо) ва рафтори сармоягузории онҳо робитаи муайян вуҷуд дорад. Ҳадафҳои асосӣ ва моделҳои рафтори ин субъектҳо дар ҷараёни ташкили фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла тамоюлҳои мотиватсионӣ, дарки хавфҳо ва афзалиятҳо дар интихоби манбаъҳои маблағгузорӣ муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, роҳҳои эҳтимолии баланд бардоштани ҷозибияти сармоягузории иқтисоди деҳот пешниҳод шудаанд, ки дар бар мегиранд: ислоҳоти институтсионалӣ, такмили низоми дастгирии сармоягузорон ва рушди механизмҳои таҳрике, ки фаъолияти сармоягузориро дар сатҳи маҳаллӣ тақвият мебахшанд;

**Аҳаммияти назариявии тадкиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- **асоснок** кардани зарурати ташаккули механизми дастгирии сармоягузории сектори кишоварзӣ, аз ҷумла дигаргунсозии назарраси сохтори аграрӣ ва усулҳои хоҷагидорӣ, усулҳои танзими иқтисодию ҳуқуқӣ, технологӣ ва иттилоотии дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ, ки ба шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ мувофиқ асту ҳадафи таъмини амнияти озуқаворӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшударо дорад.

- **ворид намудани** муқаррарот ба мазмуни категорияи инфрасохтори фаъолияти сармоягузориро дар комплекси агросаноатӣ ҳамчун маҷмуаи сохторҳои ба ҳам алоқаманди хизматрасонӣ, ки барои ҳалли мушкилоти ба миён омада дар фаъолияти сармоягузорӣ мусоида менамояд, баррасӣ шудааст;

-**асоснок намудани** зарурати такмили механизмҳои институтсионалии идоракунии равандҳои сармоягузорӣ пайваста бо заминҳои кишоварзӣ, ҳамаи шаклҳои сармоягузорӣ ба бахши аграрии иқтисодиёт бо ҷалбу истифодаи замини ҳамчун захираи инсвеститсионӣ алоқаманданд;

- **коркарди** муносибатҳои методологиву методӣ оид ба муайян намудани ҳаҷми талабот ба сармоягузорӣ ва мукаммалгардонии таъминоти институсионаливу инфрасохтории дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС;

- **асоснок** намудани методологияи муайян кардани даромаднокии индикативии соҳаҳои системаи агросаноатӣ, ки мубодилаи одилона ва механизмҳои дастгирии давлатии сармоягузориро дар ин бахш мусоидат менамояд.

- коркарди асосҳои консептуалии марҳилаи муосири ислоҳоти низоми комплекси агросаноатӣ ва бахши сармоягузории он, ки дар он меъёри асосии самаранокии ислоҳот ва муносибатҳои идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба самаранокии интегралии сармоягузорӣ, ҷараёнҳои самараи системавӣ, ки

бо сохтор ва таъсири мутақобилаи чараёни унсурҳо дар занчири технологӣ муайян карда мешаванд, асос меёбанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки қоидаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдошта, тавсияҳои таҳияшуда, хулосаҳои баёнгардида ва пешниҳодоти дар асоси онҳо омодашуда аз тарафи корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, чараёнҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, зимни таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуддати рушди иқтисодиёти аграрӣ, тасҳеҳи сиёсату стратегияи сармоягузорӣ, инчунин ташаккули иқлими мусоиди сармоягузорӣ нисбати хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ метавонанд, корбурд гарданд. Муносибатҳои илмии пешниҳодшуда ба такмили ташаккули босуръати низоми азхудкунӣ ва идоракунии сармоягузориҳо ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам бевосита дар худи ташкилотҳои кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

- **асоснок намудани** роҳҳои асосии такмили сохтор, вазифаҳо ва таъмини институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои системаи агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои он, ки барои таҳияи ва татбиқи лоиҳаҳои ояндадори сармоягузорӣ доир ба ташкили комплексхои сермаҳсул ва бисёрсоҳаи истеҳсол ва коркарди чуқури маҳсулоти кишоварзиро мусоидат менамояд.

- **асоснок намудани** зарурати такмили стандартҳои таҳияшуда, қоидаҳои муайяни таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки нақши институтҳои идоракунии фаъолияти сармоягузориро ба иҷро мерасонанду барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти сармоягузорӣ хизмат менамоянд;

**-коркарди тавсия доир ба** лоиҳаҳои ояндадори сармоягузорӣ, ки аз рӯйи ҳисобҳои пешакӣ самараи баланди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳияи кофӣ доранд: лоиҳаҳо доир ба ташкили комплексҳои сермаҳсул ва бисёрсоҳаи истеҳсол ва коркарди пурраи маҳсулоти зироат ва чорво; лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки корхонаҳоро ба комплекси ягонаи инноватсионии парвариши зироатҳои техникӣ ва корхонаҳои коркарди хӯроки омехта ва иловаҳои биологӣ муттаҳид менамоянд; асоснок карда шудааст, ки барои таъминоти молиявии лоиҳаҳо муқаррар кардани квотаи соҳавӣ ба объектҳои КАС ба мақсад мувофиқ аст;

**-пешниҳоди модели** бисёрфунксионалии механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории комплекси агросаноатӣ, ки ба

робитаи марҳилаҳои шабеҳи равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ асос ёфтааст;

**-пешниҳод доир** ба сифати тадбири муваққатӣ гузаштан ба маблағгузории меёрии корхонаҳои кишоварзӣ, ки баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатиро мусоидат менамояд;

**- пешниҳоди** тамсилаи фонди инноватсионии рушди технологӣ, ки муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои таҷрибавии конструкторӣ, корхонаҳои инноватсионии комплекси агросаноатӣ, хизматрасонии машваратӣ ва дигар иштирокчиёни раванди инноватсиониро муттаҳид месозад;

**-асоснок карда шудааст,** ки вобаста бо хусусиятҳои иқтисодиёти бахши аграрӣ зарурати ташкил кардани Фонди минтақавии идоракунии сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, ки вазифаҳои агентии кафолатӣ ва маркази иттилоотию иттиҳодияҳоро муттаҳид менамояд, асоснок карда шуда, самтҳои асосии фаъолияти ин фонд муқаррар қарда шудааст;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон дод, ки:**

- асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи интихобшуда ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, маводҳои илмию методии конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, инчунин маводҳои Интернет ташкил медиҳанд;

- **ғояи таҳқиқот** дар асоси барномаҳои давлатии рушди комплекси агросаноатӣ, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 5 марти соли 2007, № 241, бо тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2022, № 1866). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (15 марти соли 2016, № 1299)», Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 31 декабри соли 2008, № 658), «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Барномаи рушди низоми кишоварзӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 (аз 1 марти соли 2023, №54), «Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» инчунин, маводҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки муаллиф дар рафти таҳқиқот ҷамъ овардааст. Манбаи иттилоотии таҳқиқотро маводҳои ҳисоботии вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Кумитаи давлатӣ, сармоягузорӣ ва

идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, нашрҳои илмӣ аз рӯйи маводҳои конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, маълумотҳо аз интернет-сомонаҳои расмии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ташкил додааст.

**- аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба консепсияи институтсионалии таҳлилу арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ ва таъминоти институсионаливу инфрасохториии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти КАС мавриди зикр ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи амсилаҳо ва равишҳои амнияти озуқаворӣ ва коркарди тавсияҳо баҳри баландбардории сатҳи таъминоти институсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар такмилдиҳии паст намудани хавфи таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, танзими даромаднокӣ ва таносуби хавфи барои ширкаткунандагони лоиҳа саҳмгузор буда, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ (солҳои 2017-2025) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтаанд. Натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва методие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Данғара пешниҳод гардидаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мунтазам мавриди муҳокима қарор меёфтанд.

Хулоса дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-017 санаи 30.12.2025 қарори сазовор донистани Собирзода Шодмон Сулаймонжон бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯии ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар узви Шуро, ки дар маҷлис иштирок доранд, 11 нафар овоз доданд.

Натиҷа: тарафдор – 11 нафар,
муқобил – нест,
бетараф – нест,
бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ Юнусзода Х.Қ.

«30» декабри соли 2025

Ҷ.М